# 174377 - Ҳукми Рафаэл ном гузоштан

## савол

Ман мехоҳам ҳукми шариатро оиди ҷоиз будани истифодаи номе аз Инҷил, ба монанди "Рафаэл" барои номгузории кӯдаки мусулмон бидонам. Бар асоси таҳқиқ ва фаҳмиши ман дуруст нест, ки ин ном ба яке аз кӯдакони мусулмон гузошта шавад, зеро дар он нишонаҳои ширк возеҳ дида мешаванд. Лутфан, аз шумо хоҳиш мекунам, ки маро огоҳ кунед, агар ман хато карда бошам. Ва аз шумо хоҳиш менамоям, ки ҷавоби муфассалеро бар асоси Қуръон ва суннати саҳеҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бифиристед, то ин ки битавонем ҳуқуққҳои кӯдакро нисбати мо ва масъулияти падаронро тибқи аҳкоми шариат дарк кунем.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ба кӯдаки мусулмон "Рафаэл" ном гузоштан бо ду сабаб ҷоиз нест:

**Аввал:** Ин ном махсуси ғайримусулмонон аст.

Ибни Қаййим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Барои мусулмонон ҷоиз нест, ки номҳои Гергес, Петрус, Юҳанно, Матто ва монанди инҳоро гузоранд, зеро он монандӣ ба номҳои махсуси кофирон аст". Поёни сухан аз китоби "Аҳкому аҳли-з-зимма" (3/251).

**Дуввум:** Аксари манбаъҳо далолат мекунанд, ки "Рафаэл" номи ибрӣ буда, асли он испанӣ аст, ки маънояш: (God has heald) яъне "Аллоҳ шифо додааст" ё "Аллоҳ шифодиҳанда аст" мебошад. Бо ин ном махлуқ номгузорӣ намешавад.

Аллоҳ донотар аст.